# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси, 6D020100 – фалсафа (6D020102 - Таърихи фалсафа).**

Бори аввал аз ҷониби диссертант ба таври муфассал ташаккули ҷараёни маорифпарварӣ ва муайян кардани саҳми ду мутафаккир: Жан Жак Руссо, ки муаррификунандаи фарҳанги Аврупо ва Аҳмади Дониш таҷассумгари фарҳанги Шарқ мебошанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, дар доираи асарҳои бунёдии ин маорифпарварон ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунандаи ақидаҳои маорифпарварона-ислоҳотхоҳонаи онҳо таҳқиқ карда шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот Каримов аз усулҳои таҳлили мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ, мушоҳида, санҷиш, таҳлил ва таркиб, индуксия ва дедуксия, коркарди мавод, герменевтика ва аксиология истифода намудааст.

Диссертант дар муқаддима ишора намудааст, ки натоиҷ ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра истифода кард.

Дар автореферат диссертант заминаҳои муайяни таърихии ба вуҷуд омадани равияю мактабҳоро нишон додааст. Мактабҳои фалсафии давраи Маорифпарварии аврупоиро Каримов, аслан идомаи мантиқии ҳаракатҳои дар давраи Эҳё бавуҷудомада дониста, онҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст.

Аҳамияти илмии навгониҳои таҳқиқотро диссертант Қ. Каримов дар муқаддима ва дохили рисолааш ҳангоми баррасии масъалаҳои тарбия, таълим, мориф, ҷамъият ва ғайра асоснок менамояд. Ба ақидаи диссертант, маърифатнок кардани ҳар як шаҳрванди ҷомеа тибқи талаботи замон тарбия намудани онҳо мебошад.

Бинобар ин, самаранок истифода бурдан аз хазинаи ғанӣ ва арзишҳои моддию маънавии гаронбаҳои таърихи гузаштаи халқу миллатҳо меросмонда, яке аз манбаъҳои асосии ба майдони пешрафти илму техника ворид шудани инсоният ба ҳисоб меравад. Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, дар Осиёи Марказӣ давраи ташаккули фалсафаи маорифпарварӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқу омӯзиш ва барои рушди ҷомеаи имрӯза истифода бурдани андешаву пешниҳодҳои барномаи ислоҳоти иҷтимоии ҷараёни номбурда зарур ва муҳим мебошад.

Ҳамчунин муаррифии ақидаҳои арзишманди Жан Жак Руссо - маорифпарвари фаронсавӣ, файласуф, педагог ва Аҳмади Дониш - мутафаккири тоҷик, поягузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ, ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб меёбанд.

Аз назари диссертант омӯзиш ва таҳқиқи маводи вобаста ба мавзуи мавриди назар мавҷудбуда, собит менамоянд, ки бо вуҷуди баррасӣ ёфтани бештари ҷанбаҳои таълимоти маорифпарварон, аз ҷумла муайян кардани характери пайдоиши он дар Аврупо ва Шарқ, таҳқиқ кардани паҳлуҳои алоҳидаи афкори маорифпарварон, нишон додани саҳми онҳо дар рушди ҷомеа, бедорӣ ва густариши маънавиёт, масъалаи асоснок кардани ҷанбаҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи таълимоти маорифпарварӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ҳолати баррасӣ ва таҳлил гардидани масъалаҳои меҳварии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии даврони Ж.Ж. Руссо ва Аҳмади Дониш, ки муаррификунандаи арзишҳои фарҳангии ду минтақаи аз ҳам тафовутдошта мебошанд, таҳқиқоти ҷудогонае рӯйи нашр наомадааст, ки ин масъулиятро муаллифи диссертатсия ба уҳдаи худ гирифтааст.

Умуман, диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш»**, дар сатҳи кифоятан баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷавобгӯ мебошад. Диссертант барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 - Таърихи фалсафа) сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи
фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода
Маҷидов Диловар Ҳафизович

Суроға: индекс 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992-37) 980 11 44 22
E-mail: dilovar8181@bk.ru

Имзои Маҷидов Диловар
Ҳафизович-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсус ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода
Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

10.06.2025

Суроғаи муассиса:
индекс 734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992-37) 232-50-03
E-mail: rector@ddzt.tj